**Ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014**
**назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон**
**ба номи Ш.Шоҳтемур,**
**734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 146**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Иброҳимзода Одилхон Юлдош дар мавзӯи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) пешниҳод шудааст.**

**Рӯзмаррагии мавзӯи диссертатсия**. Дар шароити иқтисодиёти бозории муосири Тоҷикистон дар соҳаи кишоварзӣ ташкил кардани фаъолияти соҳибкорӣ барои созмондиҳии ҷойҳои нав корӣ, самаранок истифода бурдани захираҳои мавҷудаи кишоварзӣ, васеъшавии рақобати солим ва зиёд кардани пешниҳоди маҳсулоти кишоварзӣ дар бозор имкониятҳои навро фароҳам меоранд. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ бо ташабуси Ҳукумат Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти эҳё ва таъмини рушди муътадили иқтисоди миллӣ корҳои зиёде анҷом дода шудааст. Аз ҷумла, заминаи ҳуқуқии ташакулёбии механизми иқтисоди бозорӣ дар Тоҷикистон саривақт қабул карда шуд, ба беҳтаргардонии фазои сармоягузорӣ ба соҳаҳои афзалиятноки хоҷагидорӣ равона карда шудааст. Ҳадафи асосии дигаргунсозиҳои бозорӣ дар раванди ислоҳоти аграрӣ бошад, -ин фароҳам овардани шароити мусоид баҳри таъмини рушди босуботи фаъолияти соҳибкории истеҳсолии кишоварзӣ дар доираи ҳамоҳангсозии омилҳои макроиқтисодӣ ва механизмҳои ташкилӣ-иқтисодӣ мебошад. Муаммоҳои рушди фаъолияти соҳибкории аграрӣ пурра таҳқиқ нашудаанд. Бинобар ин, айни замон таҳлили таъсири омилҳои инфрасохторӣ, механизмҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, ҳавасмандагардонии рушди соҳибкории аграрӣ дар шароити муносибатҳои нави хоҷагидорӣ таҳқиқоти махсуси илмиро талаб менамояд. Бо дарназардошти ин, кори диссертатсионии мазкур, ки ба таҳқиқи ҳамин масъалаҳо бахшида шудааст, муҳимияти мавзӯи

таҳқиқотӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро муайян менамояд.

**Дараҷаи асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.**

Эътимоднокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқот тавассути таҳлили пурраи кори муаллифон дар мавзӯи таҳқиқотшуда, маводҳои маҷаллаҳои махсуси соҳавӣ, инчунин маълумотҳои хоҷагиҳои кишоварзии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва натиҷаҳои пурсишҳои роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) иборат мебошад. Дар диссертатсия хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд, ки ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошанд. Инчунин, баҳри ноил шудан ба ҳадафи асосӣ ва ҳалли вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда аз тарзу усулҳои гуногуни таҳлили иқтисодӣ: таҳлили индексӣ, қаторҳои динамикӣ, таҳлили омилии детерминантӣ, таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ, таърихию генетикӣ, абстрактию мантиқӣ, таҳлили системавӣ (низомӣ), оморию экспертӣ истифода карда шудааст.

**Саҳеҳӣ ва дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмии таҳқиқот аз фаъолгардонии механизми ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории аграрӣ иборат аст. Муҳимтарин нуктаҳои асосии илмие, ки аз ҷониби муаллиф коркард шуда, барои ҳимоя пешниҳод гардидаанд, инҳоанд:

Дар кори диссертатсионӣ дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ имкониятҳои татбиқи шаклу усулҳои дастгирии давлатӣ ва танзими фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ баҳогузорӣ карда шудааст.

Қобили зикр аст, ки дар асоси натиҷаҳои таҳлили коррелятсионӣ-регрессионии ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ аз рӯи категориҳои

хоҷагиҳои кишоварзӣ самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории кишоварзии минтақаҳои ҷумҳурӣ муайян карда шудаанд.

Ҳамчунин, дар диссертатсия зарурати татбиқи усулҳои маҷмӯии рушди суғуртаи кишоварзӣ асоснок карда шуда, дар заминаи он маҷмӯи чораҳои ташкилию иқтисодӣ ҷиҳати такмили механизмҳои дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ пешниҳод шудааст.

**Аҳамияти илмӣ, назариявӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои дар кори диссертатсионӣ бадастомомада метавонанд барои баланд бардоштани самаранокии соҳибкории аграрӣ дар КАС-и ҷумҳурӣ истифода гардида, бахри такмили донишҳои илмӣ оид ба рушди соҳибкории кишоварзӣ замина гузоранд.

Инчунин, натиҷаҳои тадқиқот метавонад ҷойи худро барои баланд бардоштани тахассуси коргарони ташкилотҳо ва пеш аз ҳама, роҳбарони корхонаҳои кишоварзӣ дар курсҳои таълимӣ пайдо намоянд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз он иборат аст, ки маҷмӯи чораҳои ташкилию иқтисодии пешниҳодшудаи кори диссертатсионӣ ҷиҳати такмили механизми дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ бодарназардошти хусусиятҳои рушди бахши аграрии ҷумҳурӣ гардида, дар натиҷа ба фароҳамоварии шароити мусоид барои рушди соҳибкории аграрӣ мусоидат хоҳанд кард.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаҳо, номгӯи адабиёт ва замимаҳо иборат мебошад. Диссертатсия дар 166 саҳифаи матни компютерӣ чоп гардида, дорои 22 ҷадвал, 9 расм мебошад.

**Дар муқаддима** муҳимияти мавзӯъ асоснок карда, сатҳи омӯхта шудани масъала равшану возеҳ карда шуда, ҳадафҳо ва вазифаҳо таҳия гардида, объект ва усулҳои таҳқиқот муайян, навоварии илмӣ, аҳамияти

назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастовардашудаи диссертатсия оварда шудаанд.

**Дар боби аввал - «Асосҳои назариявӣ ва методологияи ташаккул ва равнақи фаъолияти соҳибкории аграрӣ»** (с.13-58) аз ҷониби муаллиф марҳилаҳои инкишофи назариявӣ моҳияти соҳибкорӣ ба таври васеъ маънидод гардида, хусусиятҳо ва шароитҳои ба рушди соҳибкории аграрӣ таъсиркунанда таҳқиқ карда шуда, таҷрибаи хориҷии ташаккул ва ҳавасмандгардонии соҳибкории аграрӣ инъкос гардидааст.

Масъалаҳои назариявии кори диссертатсиониро таҳқиқот намуда, муаллиф зикр мекунад, ки тасаввурот дар бораи соҳибкорӣ дар муддати давраи тулонии вақт ҳосил гардида, таҳти таъсири маҷмӯи омилҳои гуногун – сатҳи рушди қувваҳои истеҳсолӣ ва муносибатҳои истеҳсолӣ, муносибатҳои молумулкӣ, рушди шаклҳои гуногуни ташкили истеҳсолот, чораҳои тамаркузи он, шаклу усулҳои пешрафти илмию техникӣ, сатҳи рушди бозор, шиддати мубориза рақобатнок ва ғ. тағйир ёфтааст. (с.14)

Дар диссертатсия муайян карда шудааст, ки дар бисёр таҳқиқоти монографии олимон мафҳуми "соҳибкор", "фаъолияти соҳибкорӣ" ба масъалаҳои марбут ба унсурҳои хавф алоқаманд менамоянд. Ба ақидаи диссертант, "дарки танқидии онҳо ба чунин хулоса боис мешавад, ки пеш аз ҳама, соҳибкориро (дар муқоиса ба замин, сармоя, меҳнат) чун омили махсуси истеҳсолоти ҷамъиятӣ баррасӣ намудан лозим аст" (с.19).

Муаллиф дақиқ намудааст, ки иқтисодчиёни алоҳида дар адабиёти иқтисодӣ онро чун намуди фаъолияти иқтисодӣ, чун бахши иқтисод ва чун раванди инноватсионӣ баррасӣ намудаанд. Аз ин рӯ, муаллиф, ақидаи олимони соҳаро оид ба мафҳуми соҳибкорӣ таҳқиқ намуда, таърифи зеринро пешниҳод менамояд: соҳибкорӣ фаъолияти инноватсионӣ буда, ба истеҳсоли молҳои (хизматҳои) нав ё навсозии сифати молҳои (хизматҳои) мавҷуда бо роҳи мувофиқати дурусти

омилҳои истеҳсолот ва татбиқи идеяи нав барои зиёд намудани фоида ва таъмини рақобатпазирии корхонаҳо равона шудааст.

Дар асоси омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафта муайян карда шудааст, ки дар хоҷагиҳои фермерии оилавӣ даромад аз фаъолияти ғайрикишоварзӣ назаррас аст. Аз ин рӯ, муаллиф пешниҳод менамояд, ки “...дар шароити ҷумҳурии мо ҳам фаъолияти ғайрикишоварзиро дар деҳот бо мақсади таъмини шуғл ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот равнақ додан лозим аст” (с.45-46).

Қобили дастгирӣ аст, ки диссертант таҷрибаи Ҷумҳурии Қазоқистонро оид ба ҳавасмандгардонии рушди соҳибкорӣ дар кишоварзӣ диққатҷалбкунанда мешуморад, ки хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-ро вобаста ба ҳолати молиявияшон ба се гурӯҳ (устувор, муътадил, вазнин) ҷудо менамояд. Дар асоси чунин тафриқа метавон дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои мақсадноки дастгирии давлатии хоҷагиҳои ҳолати молиявияшон вазнинро таҳия намуд.

**Дар боби дуввум - «Ҳолати муосир ва тамоюли рушди соҳибкории аграрӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (с.59-90)** оид ба ислоҳоти муносибатҳои иқтисоди аграрӣ маълумот дода шуда, марҳилаҳои ташаккули рушди соҳибкории аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, тамоюли рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрии ҷумҳурӣ баҳогузорӣ гардидааст.

Дар боби мазкур муаллиф ба таҳқиқи марҳилаҳои ташаккул ва рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-ро ҳамчун шакли асосии соҳибкории аграрӣ диққати назаррас додааст. Дар натиҷаи таҳлили гузарондашуда, муаллиф мушоҳида менамояд, ки вазни нисбии бахши ҷамъиятӣ дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ сол ба сол коҳиш ёфта, ҳиссаи бахши хусусӣ тадриҷан меафзояд. Чунончӣ, дар диссертатсия оварда шудааст, ки дар соли 2019 нисбат ба соли 2014 ҳиссаи хоҷагиҳои аҳолӣ 12,8% ва ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) 57,5% афзоиш ёфтааст. (с.85).

Натиҷаи таҳлили коррелятсионии гузаронда нишон медиҳанд, ки барои авзуншавии ҳаҷми умумии истеҳсолоти кишоварзӣ дар бахши корхонаҳои кишоварзӣ ва бахши хоҷагиҳои аҳолӣ таъсирнокии сабзавот зиёд буда, дар бахши хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) вазни хоси истеҳсоли пахта назаррас мебошад.

**Дар боби сеюм - «Такмили механизми ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ дар иқтисодиёти аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** (с.91-147) механизми амалкунандаи ҳавасмандгардонии соҳибкории аграрӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, самтҳои асосии такмили дастгирии давлатии соҳибкории аграрӣ муайян карда шуда, механизми молиявии ҳавасмандгардонии он асоснок карда шудааст.

Дар боби мазкур диссертант динамикаи маблағи андозҳои супоридашудаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) аз рӯи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои 2014-2020 (ҷадвалҳои 13 ва 14, с.95-97) таҳлил намуда, саҳми онҳоро дар иҷроиши даромадди буҷети давлатӣ баҳогузорӣ менамояд (диаграммаи 5, с.98). Ҳисобҳои муаллиф нишон медиҳанд, ки ҳиссаи андозсупории хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар таркиби буҷети давлатӣ сол ба сол коҳиш ёфта истодааст.

Саҳифаҳои 99-103-и диссертатсия ба арзёбии ҳолат ва таркиби соҳибкории инфиродӣ дар бахши ғайрикишоварзӣ бахшида шудааст.

Хулосабарорӣ аз адабиётҳои иқтисодӣ оид ба ба масъалаҳои танзими давлатии фаъолияти соҳибкории бахши аграрӣ ба муаллиф имкон додааст, ки усулҳои татбиқи механизми танзими давлатии фаъолияти соҳибкории бахши аграриро таҳия намояд (расми 2.,с.109).

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки талафоти молиявии молистеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ маблағҳои зиёдеро дар бар мегирад ва сабаби он ҳамчун номутаносубии нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва захираҳои техникии ба онҳо таҳвилшаванда арзёбӣ гардидааст. Баҳри кам кардани чунин ҳолатҳо муаллиф маҷмӯи

чорабиниҳоеро пешниҳод намудааст, ки қобили дастгирӣ мебошанд (с.116).

Дар раванди таҳияи амсилаҳои дурнамо вобаста ба маълумотҳои оморӣ амсилаҳои дурнамосози маҳмӯи истеҳсоли намудҳои асосии зироатҳои кишоварзӣ, ҳаҷми замини корам ва ҳосилнокӣ аз 1 га дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта шуда, дар асоси онҳо дурнамои маҷмӯи истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ, ҳаҷми замини корам ва ҳосилнокӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2025 ҳисоб карда шудааст.

**Дар хулоса ва пешниҳодҳо** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии он дарҷ карда шудаанд.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия**. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқотҳои марбути кори диссертатсионӣ 15 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 9 мақола дар нашриёти аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда нашр шудаанд.

**Бо вуҷуди муваффақиятҳо дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудию норасоиҳо ҷой доранд:**

1. Азбаски мавзӯи таҳқиқот маҳз ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ маҳсуб меёбад, дар боби аввал дар баробари таҳқиқи асосҳои консептуалӣ ва марҳилаҳои асосии инкишофи назарияи соҳибкорӣ бояд ҳамзамон асосҳои назариявӣ ва методологии ҳавасмандгардонии соҳибкории аграрӣ омӯхта шаванд.

2. Боби дуюми диссертатсия «Ҳолати муосир ва тамоюли рушди соҳибкории аграрӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» бояд ҳамзамон ҳолати кунунии механизмҳои амалкунандаи ҳавасмандгардонии соҳибкории аграриро дар бар гирад. Аз ин рӯ, хуб мебуд, ки зербоби 3.1 «Баҳодиҳии механизми ҳавасмандгардонии

соҳибкории аграрӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ» аз боби сеюм ба боби дуюми диссертатсия гузаронда шавад.

3. Мансуб донистани бандҳои дуввум ва чоруми муқаррароти таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ҳайси навгонии илмӣ шубҳанок буда, шарҳу асосноккунии иловагиро талаб менамоянд:

«-хусусиятҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар сектори аграрии ҷумҳурӣ, ки аз омилҳои табиию биологӣ, вижагиии истифодаи замин ҳамчун воситаи асосии истеҳсолӣ, лапишҳои истеҳсолӣ, вобаста ба тағйирёбии иқлим, фондғунҷоиши баланди истеҳсолӣ вобаста мебошад, муайян карда шудаанд»

«-таҳлили ислоҳот дар муносибатҳо дар муносибатҳо ва зинаҳои ташаккулу равнақи соҳибкории аграрии ҷумҳурии нишон дод, ки он ба масъалаҳои ташкили бозори замин, муносибатҳо вобаста ба таснифи ҳуқуқи моликият ба қитъаҳои замин ва иҷораи он вобаста мебошад. Дар ин раванд, дар диссертатсия ду роҳи рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ муайн гардидааст: дар асоси муносибатҳои ҳуқуқи моликият бар истифодабарии замин – ҳуқуқҳои истифодабарӣ, хариду фурӯши ҳуқуқи истифодабарӣ, ҳадя, гарав, ба иҷро додан, ҳуқуқи меросии истифодабарӣ ва ҳуқуқҳои дигар; роҳи дуввум – иҷораи замин, яъне афзоиши теъдоди иҷорагирандагони замин, ки ҳуқуқҳои маҳдуди ихтиёрдорӣ ва истифодаи истеҳсолии заминро, аз ҷумла бо ихтиёрдории монополии маҳсулоти бадастоварда доро мебошанд. »

4. Маълумоти ҷадвалу расмҳои диссертатсия давраҳои гуногунро дар бар мегиранд: маълумотҳои то соли 2019 (ҷадвалҳои 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10, 14, 17, 19 диаграммаҳои 2 ва 3), маълумоти то соли 2020 ва ҳатто маълумоти то соли 2018 (ҷадвали 20).

5. Дар боби дуюми диссертатсия бо мақсади таҳлил ва муқоисаи ададии истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ бо истифода аз усули таҳлили коррелятсионӣ муаллиф кӯшиш намудааст, ки таносуби оқилонаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ (ҷадвали 10,

с.87), дар хоҷагии аҳолӣ (ҷадвали 11, с.88), дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) (ҷадвали 12, с.89) ва таъсири онро ба ҳаҷми умумии истеҳсолоти кишоварзӣ муқаррар намояд. Аммо, муаллиф таҳқиқоти худро бо муаяйн намудани саҳми ҳаҷми истеҳсоли ин ё он намуди маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳаҷми умумии истеҳсолоти кишоварзӣ маҳдуд намуда, ба самаранокӣ ё рушди имконпазири соҳибкории аграрӣ алоқаманд накардааст. Арзишмандии кори диссертатсионӣ баландтар мегардид, ки агар дар идомаи он амсилаҳои дурнамосози маҳмӯи истеҳсоли намудҳои асосии зироатҳои кишоварзӣ, ҳаҷми замини корам ва ҳосилнокӣ аз 1 га дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон аз боби сеюми диссертатсия (с124-126) ҷой дода мешуданд.

6. Дар кори диссертатсионӣ ба масъалаҳои рушди унсурҳои инфрасохтори дастгирии соҳибкории аграрӣ амсоли марказҳои рушди соҳибкорӣ, фондҳои давлатии тараққиёт ва дастгирии соҳибкорӣ, технопаркҳо, марказҳои инноватсионӣ-технологӣ, бизнес-инкубаторҳо, марказҳои маркетингӣ ва таълимӣ, марказҳои машваратӣ ва дигар ташкилотҳои ба ҳавасмандии соҳибкории аграрӣ мусоидаткунанда аҳамияти лозима дода нашудааст.

7. Кори диссертатсионӣ ва автореферати он дорои хатогиҳои техникӣ ва услубӣ буда, таҳрирро талаб менамоянд. Хусусан, дар диссертатсия бояд ба ҳам пайвастагӣ ва пайдарҳамии масъалаҳои гуногуни баррасишаванда таъмин карда шуда, матни нолозимае, ки ба мавзӯи таҳқиқот алоқамандии нисбатан кам доранд, ихтисор карда шавад.

Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло қайд карда шудаанд, моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро кам намекунанд.

**Дар маҷмӯъ** кори диссертатсионии Иброҳимзода Одилхон Юлдошро ба итмомрасида маҳсуб ёфта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ воқеан дар сатҳи баланди назариявӣ ва методӣ таҳия карда шудааст. Натиҷаи диссертатсияро метавон минбаъд дар

ташкилотҳои давлатӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ васеъ истифода бурда шаванд. Маводҳои асосии диссертатсия дар маҷаллаҳои илмӣ ва илмии ватанӣ, инчунин дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонида шудаанд. Автореферат ва мақолаҳои нашршудаи муаллиф мазмуни асосии диссертатсияро фаро мегиранд.

Умуман метавон хулоса намуд, ки кори диссертатсионӣ аз лиҳози асосноккунии назариявӣ ва коркарди таклифу пешниҳодҳои амалӣ баҳри ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсад ноил гаштааст.

Тамоми масъалагузориҳои зикршуда аз он далолат медиҳанд, ки дар воқеъ кори диссертатсионии Иброҳимзода Одилхон Юлдош дар мавзӯи "Такмили механизми ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба талаботҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №505 аз 26.11.2016 барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ тасдиқ гардидааст, мутобиқ ва ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷменти Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат** **Раҳимов Ҷ.О.**

Имзои Ҷ.Раҳимовро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат Ҷураев Ш.Н.

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Борбад,48/5
Телефон: 93-845-44-88